## Терроризму экстремизм – зуҳуроти номатлуб дар ҷомеа

***Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар ҷаҳонӣ имрӯза зуҳуротҳои наве пайдо шудааст, ки хатари он ба ҷомеа ногузир аст. Ин зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир терроризм ва экстремизм мебошанд. Барои дарки дурусти мафҳуми терроризм ва экстремизм моро зарур меояд, ки ин хусусиятҳои ин зуҳуротро дар алоҳидагӣ таҳлил намоем.

Терроризму экстремизм падидаҳои номатлуби ҷаҳони муосир буда, фаҳмиши ин зуҳуротҳои номатлуб дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин, аз қабили қатлу куштори инсон, таркондани иншоотҳои маъмурӣ, фароғатию маишӣ ва амсоли инҳо дониста мешаванд. Терроризму экстремизм бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд. Ба тарзи дигар гӯем, мақсад ва оқибати экстремизм ин терроризм аст. Вале дар умум чунин баҳогузорӣ намудан мумкин аст, ки ҳарду истилоҳ комилан хатари калони парокандагиву бесарусомониро доранд.

Аслан гуруҳҳои террористиву экстремистӣ аз ҳолатҳои ногувор ва вазъи нохуби ин ё он давлатҳо истифода мекунанд ва бештар фаъол мегарданд. Махсусан, ифротиёни динӣ, ки аз дини мубини ислом сӯистифода карда, миёни аҳолии осоишта иғво меандозанд, аз ҷумлаи ҳамин гуруҳҳои ба ҷомеа зараррасон мебошанд. Пайваставу доимо бояд ба насли ҷавону наврас таъкид намуд, ки дурандеш бошанд ва ба доми ин гуруҳҳои хунхор наафтанд. Зеро дар аксар гуруҳҳои террористиву экстремистӣ курбониён ин ҷавонон мебошанд. Ин гуруҳҳо барои ба хадафҳояшон расидан аз ҳама роҳу воситаҳо истифода бурда истодаанд. Хусусан дар сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ беш аз пеш фаъол гардида, суханҳоеро мегӯянд, ки мардумро ба ин ё он ҳолатҳои парокандагӣ, бесарусомонӣ ва игвоангезии дохилӣ даъват менамояд.

Ин комилан табиист, ки мавзӯи терроризму ифротгароӣ дар ҷаҳони муосир ва майдони иттилоотии он яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба шумор меравад. Падидаҳои ниҳоят хатарноки иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҷиноӣ, ки терроризму ифротгароӣ ва навъҳои онҳо – амалҳои террористӣ дар заминаи ҷиноӣ, зуҳуроти ифротгароии миллатгароӣ (сепаратистӣ), ифротгароии мазҳабӣ, ки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдиди глобалӣ доранд, мушкилоти умдаи имрӯза гардидааст.

Даҳҳо ҳазор таркишҳои террористӣ аллакай дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон рух додаанд ва рӯйхати қурбониёни онҳо тӯлонӣ мебошад. Мутаассифона, дар ин росто механизмҳои муқовимат бо терроризм феълан дар аксари кишварҳои ҷаҳон ба сатҳ ва хусусияти таҳдиди террористӣ мувофиқат намекунанд. Айни замон мубориза бо таркишҳои террористӣ вазифаи маҳаллии як кишвар нест ва воқеан як мушкили ҷаҳонӣ мебошад. Дар чанд даҳсолаи охир ҷаҳон бо афзоиши ифротгароӣ ва терроризм рӯбарӯ шуда, ё аз нигоҳи муборизаи амалӣ бо ин падидаҳо ва ё аз нигоҳи дарки назариявии онҳо комилан омода нест.

Аз ин нуқутаи назар, дар шароити кунунӣ вазифаи ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар, миллатдӯсту қавирода, алалхусус ҷавонон, ки ҳамчун неруи асосии пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, аз он иборат аст, ки аз таълимоти гурӯҳҳои манфиатҷӯе, ки дини мубини исломро бо терроризм айният медиҳанд ва тундгароиро омили ҳифзи ислом муаррифӣ мекунанд, худдорӣ намоянд, зеро дар натиҷаи гароиш ба ин гуна ҳизбу ҳаракатҳои радикаливу террористӣ ҳам ҷони худро аз даст медиҳанд ва ҳам сабаби аз байн бурдани ҷони ҳазорон нафарони дигар мегарданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи дигар кишварҳои ҷаҳон бар зидди терроризм ва экстремизм муборизаи пайваста бурда, талош менамояд, то ки аз пайомади ногувори ин гуна амалҳо ҷилавгирӣ намояд. Вобаста ба ин ва баҳри тадбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки бо мақсади таъмини ҳифзи амният, шаҳрвандони он ва дигар шахсони дар қаламрави он қарордошта, аз таҳдиди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), тадбиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, барҳам додани таҳдиди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) дар қаламрави кишвар, ошкор намудан, аз байн бурдан ва пешгирии сабаб ва шароитҳое, ки боиси ба миён омадан ва паҳн шудани терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) мегарданд, инчунин рафъи оқибатҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, равона гардидаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи баланди созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пайваста иброз медоранд, ки

терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест, яъне террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Аз ин рӯ, ҳар як фарди соҳибшуур ва бомаърифати ҷомеа, махсусан ҷавононро, ки қисми асосии ҷамъиятро ташкил медиҳанд, месазад ба ин афкори барғалати чеҳраҳои сиёсии ноаён фирефта нашаванд, дар ҷустуҷӯи омӯзиш, азбарнамоӣ ва ғанигардонии маърифати ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии хеш бошанд, то дар таҳкими суботи комили сиёсии Тоҷикистони азиз поягузор бошанд. Чунки суботу амнияти Тоҷикистон, устувории ҷойгоҳи Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ ва амнияту осудагии марзҳои давлатии Тоҷикистон барои ҳар яки мо арзиши муҳим ва калидӣ дорад.

Насим Наҷмиддинов, сардори
сикли тайёрии радиоалоқаи
кафедраи ҳарбии ДМТ